**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ Муродзода А.А. ба рисолаи номзадии Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат “Инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV дар “Равзату-с-сафо”-и Мирхонд” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Таҳқиқи манобеи таърихӣ дар омӯзиши масоили таърихии давраҳои гуногун аҳаммияти калон дорад. Баррасии татбиқии ин ва ё он асар, муқоисаи ахбори он бо дигар асарҳои ҳамдаврааш, муайян намудани дурустии матолиб, диққати муаллиф дар баёни рухдод ва истифода аз манобеи муътамадро равшан намуда, лағзишҳои муаллифи асари таърихӣ дар баёни ҳаводис ва костиҳои онро мушаххас менамояд. Омӯзиши татбиқии манобеи таърихӣ ба шинохти дақиқтари фазои фикрӣ ва сиёсии он давра кӯмак мекунад. Қазоватҳо ва мавзеъгириҳои айнӣ ва зеҳнии муаллифи асари таърихӣ дар мавзуоти мавриди таваҷҷуҳаш ва санҷиши матолиби ироанамудаи муаллиф ва татбиқи он бо манобеи ҳамзамонаш тасвирҳои воқеии ҳодисаҳои таърихиро барои пажӯҳанда заминасоз мекунад.

Рисолаи Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат “Инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар “Равзату-с-сафо”-и Мирхонд” ба баррасии ҳаводиси таърихӣ, хусусан вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Моваронннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV дар асоси асари “Равзату-с-сафо”-и Мирхонд бахшида шуда, муаллиф талош намудааст бо равиши татбиқӣ ҷойгоҳи ин асарро дар баёни ҳаводиси сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дувуми садаи XIV ва садаи XV муайян карда, аҳаммияти онро дар таърихнигории халқи тоҷик мушаххас созад.

Эътибор ва аҳаммияти “Равзату-с-сафо”-и Мирхонд то он ҳадде буд, ки таърихнигороне, ки дар садаҳои баъдӣ дар бораи ҳаводиси таърихии асрҳои XIV ва асри XV қалам рондаанд, аз ин асари таърихӣ ба таври васеъ истифода намуданд. Бояд гуфт, ки ин асар барои ховаршиносон,

хусусан муҳаққиқони ин давраи таърихи халқи тоҷик маълум буда, муаррихон ба андозаи мухталиф аз матолиби он истифода кардаанд. Аммо ахбори ин асар роҷеъ ба масоили таърихии зикршуда бори нахуст ба таври пурра мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Рисола аз 3 боб ва 7 зербоб иборат буда, сохтори он бо низоми мантиқӣ матраҳ гардида, муаллиф бо риояи чаҳорчӯби замонӣ ҳадафҳои муайяншуда дар рисолаашро баррасӣ намуда, вазифаҳои дар наздаш гузоштаро дар ҷараёни таҳқиқ ҳаллу фасл менамояд.

Ба Муҳаммад ибни Ховандшоҳ ибни Маҳмуд муяссар шудааст, ки қисме аз ҳаводиси асрҳои XIV ва XV-ро дар асоси асарҳои пеш аз ӯ таълифшуда ва қисми дигарро аз натиҷаи мушоҳидоти шахсии худ инъикос намояд. Диссертант ахбори рисолаи мазкурро ба санади дигар манбаъҳои таърихӣ муқоиса намуда, хулосаи илмии худро баён доштааст.

Муҳаммад ибни Ховандшоҳ ибни Маҳмуд маъруф бо Мирхонд дар “Равзату-с-сафо” дар баёни рухдодҳои таърихӣ ахбори муҳимро ҷой карда, куштору ғорати Темурлангро мунташир ва замони таърихи ворисони ӯро ба қалам додааст.

Муаллифи рисола муваффақ шудааст, ки дар баёни масоили сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд дигар манбаъҳои таърихиро дастрас намуда, барои хулосаи илмӣ ва мантиқӣ баровардан бо дигар рисолаҳои дасти аввали асрҳои XIV ва XV, мисли «Рӯзномаи ғазавоти Ҳиндустон»-и Ғиёсиддини Алӣ, “Зафарнома”-и Низомуддини Шомӣ, “Аҷоибу-л-макдур фи ахбори Темур”-и Ибни Арабшоҳ, “Зафарнома”-и Шарафуддин Алии Яздӣ, «Дневник путешествия в Самарканд ко двору Тимура-и Руи Гонсалес де Клавиҳо” ва «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ муқоиса намояд.

Аз хулосахои илмии ба даст овардаи муаллифи рисола, ки аз таҳлили татбиқии ахбори “Равзату-с-сафо”-и Мирхонд маълум мегардад, унвонҷӯ ҳадаф ва вазоифи дар наздаш гузоштаро муваффақона анҷом дода, бо муайян кардани ҷойгоҳи ин сарчашмаи дасти аввали нимаи дуюми садаи

XV дар миёни дигар манобеи таърихӣ ба офаридани як рисолаи воҳид комёб шудааст.

Мусалламан, то кунун дар доираҳои илмии ховаршиносӣ ва таърихнигорӣ чи дар дохил ва чи берун аз Тоҷикистон вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар асоси ахбори “Равзату-с-сафо”-и Мирхонд таҳлил нашудааст ва бе шак ин рисола метавонад он матолиберо ба илми таърих матраҳ созад, ки аз лиҳози навгӯӣ, тадвини масоили илмӣ ва мизони кори таҳқиқотӣ арзиши илмӣ доранд. Бинобар ин, метавон гуфт, ки рисолаи Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат “Инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар “Равзату-с-сафо”-и Мирхонд” кори таҳқиқотии анҷомёфта буда, натиҷагириҳои унвонҷӯ баёнгари муқаррароти асосии пешниҳодшуда барои дифоъ мебошад.

Аз ин рӯ, чун рохбари илмӣ метавонам хулоса кунам, ки рисола аз рӯи сохтор, мазмун ва баёни матолиби таҳқиқӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон мутобиқат намуда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

**Роҳбари илми, номзади**
**илмҳои таърих, дотсент,**
**директори Институти таърих,**
**бостоншиносӣ ва мардумшиносии**
**ба номи А. Дониши АМИТ** **Муродзода А.А.**

**Имзои Муродзода А.А.-ро тасдиқ мекунам**
**Нозири шуъбаи кадрҳо** **Файзуллоева Г.Қ.**

ШУЪБАИ КАДРҲО

Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони
Рӯдакӣ, 33. Тел-221-3742